Хулосаи

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи “Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон” аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ф.М. ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи оилавӣ – амалигардонии манфиатҳои оилавӣ дар ҷодаи муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон, вобаста ба танзими ҳуқуқии онҳо ва таъсири манфиати оилавӣ ба ташаккулёбии речаҳои ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон, инчунин проблемаҳои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва ҳуқуқи ӯҳдадории ҳамсарон бахшида шудааст. Дар шароити имрӯза, ки мақсади қонунгузорӣ таъмини пойдорӣ ва мустаҳкамии оилаҳо ба шумор меравад, мавзуи рисолаи илмии муаллиф мубрамияти махсусро пайдо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки масъалаҳои манфиати оилавӣ дар ҳуқуқи оилавӣ то ҳол пурра таҳқиқ нашудааст. Бинобар он зарурият ба миён омадааст, ки масъалаҳои баррасишуда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда, роҷеъ ба онҳо пешниҳодҳои илман асоснок таҳия карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки баҳри ҳифзи манфиатҳои умумиоилавӣ қонунгузории оилавӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд такмил дода шавад.

Ҳамин тавр, далелҳои овардашуда аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ доштани корро муайян намуда, аз мубрамияту дуруст интихоб шудани кори диссертатсионӣ далолат медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023,

№295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таҳия шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Навгониҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонад дар такмили қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти давлатӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода карда шаванд.

3. Мавзуъи рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Ф.М. аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 пешниҳод шудааст, мувофиқ мебошад.

4.Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо инъикоскунандаи мазмун ва мундариҷаи кори илмии унвонҷӯй мебошад. Дар интишороти муаллиф натиҷаҳои асосӣ хулосаҳои таҳқиқот ва таклифҳои муаллиф ба расмият даровarda шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

5.Дар кори илмии Раҳимзода Ф.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудааст, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, гувоҳӣ медиҳад.

6.Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Раҳимзода Ф.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия **пешниҳод менамояд:**

1.Диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Имомзода Нилуфар Маҳмадюсуф** – муовини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Қодиркулов Хуршед** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар, - **Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат ва ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ** **Муртазозода Ҷ.С.**

**Аъзои комиссия:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ** **Мирзозода П.З.**

**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Саидзода М.Ш.**

14.04.2025